*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*(суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,*
*шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)*

# *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.***

Шароити муосир, ки бо номуаянии муҳити дохилӣ ва хориҷии фаъолияти хоҷагидорӣ тавсиф мешавад, тақозо менамояд, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ, таъмини бехатарӣ ва мустақилияти иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти саноатӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини саноатикунонии босуръати кишвар аз инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар бахши саноат ба таври васеъ истифода шавад.

Инкишоф ва суръат бахшидан ба раванди шарикии стратегии корхонаҳои саноати имкониятҳои ҳар як субъекти шартномаи шарикиро зиёд намуда, метавонад ба самаранокии тамоми самтҳои фаъолияти онҳо ба таври мусбӣ мусоидат намояд. Албатта, барои дар ин ҷодда комёб шудан як қатор масъалаҳоро ҳал намудан зарур аст, ба монанди: муайянкунии самтҳо ва соҳаҳои афзалиятноки шарикӣ; ташвиқ, ҳавасмандгардонӣ, дастгирии субъектҳои хоҷагидории саноати миллӣ дар самти барпокунии робитаҳои шарикӣ; ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои шарикон; таъмини ҳуқуқи шаклҳои шарикии стратегӣ; танзими давлатии фаъолияти шаклҳои гуногуни шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва ғайра.

Аз муҳтавои авторефрати докторанти фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос А.С. Маҳмадуллоев бармеояд, ки муаллиф масоили марбут ба ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба шарикии иқтисодии корхонаҳо,

ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ, принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишфи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавиро аз дидгоҳи роҳҳу усулҳои навтарини менеҷмент мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар идома, А.С. Маҳмадуллоев, ҳолати имрӯзаи инкишофи ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намуда, инчунин масоили густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат ва танзими фаъолияти иқтисодии бурунмарзии корхонаҳои саноатиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Хулосаҳои илмии муаллиф дар тадқиқи роҳҳои афзалиятноки инкишофи корхонаҳои муштарак, бунёди кластерҳои минтақавӣ ва инкишофи шарики технологии ширкатҳои саноатӣ, чун асоси таъмини самаранокии шарикии стратегӣ, пешниҳод гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ докторанти фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос нуқтаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиеро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати таъмини рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ мусоидат хоҳад кард. Хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳод гардидаанд, бо назардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Бояд гуфт, ки докторанти фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос дар асоси тадқиқоти худ ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидааст, аммо якчанд камбудиҳое низ дорад, ки ба баҳои мусбии он таъсир намерасонанд. Масалан, агар муаллиф каме дар бораи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, махсусан, давлатҳои ҳамсоя дар робита ба густариши шарикии стратегӣ маълумот меовард, баҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле боло мерафт.

Албатта, ин ва дигар норасоиҳои ошкоршуда, сифати аслии таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии А.С. Маҳмадуллоев дар мавзуи “Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050701 – менеҷмент) пешниҳод шудааст ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ мебошад.

**Муқарриз:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**молия ва қарзи Донишгоҳи**
**славянии Русияву Тоҷикистон** **И.С. Ашуров**

Имзои д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Ашуров И.С.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **А.А. Раҳимов**

19. 08. 2024

(Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30, Телефон: (+99237) 221-35-50, (+992) 227- 67-90, E-mail.p.rektora@mail.ru)